# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

734003 ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121 Тел: +992 (37) 224-13-83 e-mail: info@tgpu.tj

## МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар ҳамкорӣ бо ташкилоти ҷамъиятии “Иқтисод ва маориф” ҷиҳати татбиқи “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” дар таъихи 25 феврали соли 2023 конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони **«Татбиқи усулҳои фаъоли таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ»**, бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” баргузор менамояд. Ба конференсияи мазкур олимон, мутахассисон ва намояндагони вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ, институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои олии касбӣ даъват карда мешаванд.

Дар конференсия масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор мегиранд:

- Назарияи усулҳои фаъоли таълим;
- Хусусиятҳои татбиқи усулҳои фаъоли таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ;
- Усулҳои фаъоли таълим ҳангоми тадриси фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ;
- Мушкилоти татбиқи усулҳои фаъоли таълим дар муасссаҳои таҳсилоти олии кишвар.

Олимон ва муҳаққиқоне, ки дар кори конфронс хоҳиши ширкат варзидан доранд, метавонанд мақолаҳои худро дар ҳаҷми 6 саҳифа ба суроғаи электронӣ zuhro86@mail.ru то санаи **15 феврали соли 2023** ирсол намоянд. Мақолаҳои беҳтарин дар маҷаллаи “Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ” ба таври ройгон чоп карда мешаванд.

**Забони кори конфронс:** тоҷикӣ, русӣ.

## ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАҚОЛАҲО

- Ҳошия аз боло ва поёни саҳифа 25 мм, аз чап 30 мм, аз рост 15 мм бошад;
- Матни маърӯза бояд бо таҳриргари матнии MS Word for Windows. (ҳуруфи Times New Roman ё Times New Roman Tj, андозаи 14 бо фосилаи 1,5) чоп карда шуда бошад ва дар он ному насаби муаллиф, дараҷаву унвони илмӣ, вазифа, ҷои кор, суроға, телефон, e-mail навишта шавад;
- Расмҳо, тасвирҳо, диаграммаҳо ва схемаҳо бо формати **«bmp», «jpg», «dwg», «gif»** иҷро карда шуда, ҳатман ба онҳо ном гузошта шавад;
- Мақола бояд пурра ба мавзуи конфронс мувофиқ бошад, баррасии муаллиф, хулосаҳо ва тавсияҳоро дар бар гирад ва ба талаботи “Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ” ҷавобгӯ бошад. Мақолаи илмӣ пеш аз ҳама дорои навоварӣ буда, натиҷаҳои таҳқиқоти мақола на бояд қаблан нашр шуда бошанд.

*Хароҷоти роҳкиро, манзил ва хӯроки ширкаткунандагоне, ки берун аз ноҳия ва шаҳрҳои кишварамон ба пойтахт меоянду дар конфронс баромад менамоянд, аз ҷониби ташкилоти ҷамъиятии “Иқтисод ва маориф” пардохт карда мешавад.*

**Суроға:** ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 121, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, суроғаи электронӣ zuhro86@mail.ru

**Телефон барои маълумот:** 224.27.08

**КУМИТАИ ТАДОРУКОТ**